# ПРОТОКОЛИ № 25
## маҷлиси шурои диссертатсионии якдафъаинаи 6D.КОА-064 назди Институти зироаткории АИКТ

**аз 29.04.2025** **ш.Ҳисор**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
аз 16 нафар аъзои шуро 16 нафар

**Раиси шуро:** Аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.02.2025, №69/хя тасдиқгардида 16 нафар иштирок доранд, ки аз инҳо 2 нафарашон доктороии илм ва 3 нафар номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Касе ҷонибдорӣ он бошад, ки кори шуро оғоз карда шавад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намояд. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи "Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (Tríticum aestívum L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Раиси комиссияи экспертӣ д.и.к., академики АИКТ Асозода Н.М. ва аъзои комиссия д.и.к., профессор Норов М.С., н.и.к. Иброҳимов Н.Ш. оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи "Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (Tríticum aestívum L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон" ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

Шурои диссертатсионӣ хулосаи мусбати комиссияи экспертиро оид ба диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи "Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (Tríticum aestívum L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси

06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ пешниҳод шудааст, шунида баррасӣ карда,

**ҚАРОР ҚАБУЛ КАРД:**

1. Диссертатсияи Резмонова Қурбоной Шарифовна дар мавзуи "Маҳсулнокии намунаҳои гандуми мулоим (Tríticum aestívum L.) аз коллексияи ИУР-и Федератсияи Россия дар шароити ҷануби Тоҷикистон", барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.01-Зироаткории умумӣ, растанипарварӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Набиев Толиб** – доктори илмхои кишоварзӣ, академики Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистону Россия, профессори кафедраи растанипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур;
- **Музафарзода Даврон Маҳмадшариф** - номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агротехнологияи Донишгоҳи давлатии Данғара

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Институти биологии Помир ба номи академик А.Ю.Юсуфбекови АМИТ таъин гардад.

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

6. Таърихи баргузории ҳимоя 05 июли соли 2025 соати 10.00 муқаррар карда шавад.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор-16 нафар, муқобил-нест, бетараф-нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Салимзода А.Ф.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ Пӯлотова Ш.С.